**ХУЛОСАИ**
**КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ**
**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-048 дар назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» вобаста ба қабули диссертатсияи номзадии Баротов Раҷабалӣ Тағоймуродович дар мавзӯи «Асосҳои методии фаъолгардонии фаъолияти даркнамоии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурии тоҷикистон зимни гузаронидани корҳои лабораторӣ бо истифодаи технологияи иттилоотӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.03 – Назария ва методикаи таълими фанҳои риёзӣ)**

Комиссияи ташхиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-048 дар назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» оид ба диссертатсияи Баротов Раҷабалӣ Тағоймуродович дар мавзӯи «Асосҳои методии фаъолгардонии фаъолияти даркнамоии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни гузаронидани корҳои лабораторӣ бо истифодаи технологияи иттилоотӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.03 – Назария ва методикаи таълими фанҳои риёзӣ) тибқи қарори Шурои диссертатсионӣ аз 4-уми июли соли 2023 дар ҳайати зерин интихоб карда шуданд:

1. **Сафаров Ҷумабой** – профессор, доктори илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.03. – Назария ва методикаи фанҳои риёзӣ, таҳсилоти касбӣ;
2. **Файзализода Баҳрулло Файзалӣ** – дотсент, доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01. – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ, таҳсилоти касбӣ;
3. **Хоҷаев Амрохон Мирзоевич** – номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02. – Назария ва методикаи таълиму тарбия, математика.

Масъалаи омода кардани кадрҳои баландихтисоси ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯи соҳаи илмҳои дақиқ, хусусан математика дар меҳвари сиёсати хирадмандонаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Пӯшида нест, ки солҳои охир усулҳои математикӣ дар соҳаҳои гуногуни илмҳои табиатшиносӣ, иқтисодиёт ва ҷамъиятшиносӣ ба таври густурда мавриди истифода қарор дорад. Пас аз пайдо шудани тамғаҳои гуногуни компютерҳо ва коркарди забонҳои барномасозӣ татбиқи

дастовардҳои математикиро дар ҳалли масъалаҳои амалӣ сари ҳар қадам мушоҳида менамоем. Шохаи алоҳидаи математика - Методҳои ададӣ ба коркарди методҳои тақрибии ҳалли масъалаҳои математикӣ машғул буда, сол то сол бинобар зиёд будани талабот ба ҳалли чунин масъалаҳо рушду инкишоф ёфта истодааст.

Самаранокии сифати таълими фанни математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Сатҳу сифати таълими ин фан ба бисёр омилҳое вобастагӣ доранд, ки арзёбии беғаразонаи сатҳи дониши донишҷӯён яке аз асоситарини онҳо мебошад.

Тавре медонем, дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ фанни математика ба шохаҳои зерин ҷудо шуда, ҳар як шоха дар алоҳидагӣ таълим дода мешавад: математикаи элементарӣ, алгебраи олӣ, таҳлили математикӣ, геометрияи аналитикӣ, муодилаҳои дифференсиалӣ, методҳои ададӣ ва ғайра. Барои таълими ҳар яке аз ин шохаҳои илми математика навъҳои гуногуни таълим, ба мисли лексия, машғулияти амалӣ ва машғулияти лабораторӣ пешбинӣ шудааст.

Ташкил ва гузаронидани корҳои лабораторӣ аз Методҳои ададӣ дар раванди омӯзиши ин фан нақши калон дорад ва яке аз воситаҳои муҳими васеъ намудани савияи математикии донишҷӯён маҳсуб меёбад.

Унвонҷӯй дар рисолаи илмии худ ба ин масъалаи муҳим машғул шуда, дар назди худ чунин фарзияро мегузорад: фаъолгардонии фаъолияти даркнамоии донишҷӯёни МТОК ҶТ зимни гузаронидани корҳои лабораторӣ ва дарсҳои амалӣ аз фанни методҳои ададӣ бо истифодаи технологияи иттилоотӣ ва болоравии самаранокии таълими фанни мазкур мумкин аст, агар:

- корҳои лабораторӣ дар доираи мавзуъҳои лексионӣ ва аз рӯйи схемаи ягона тартиб дода шаванд;
- корҳои лабораторӣ бо алгоритмсозӣ алоқаманд карда шаванд;
- дар ҷараёни корҳои лабораторӣ забонҳои барномасозӣ истифода гарданд;
- тавассути забонҳои барномасозӣ дар раванди ташкил ва баргузории корҳои лабораторӣ масъалаҳои
  - инкишофи фаъолияти эҷодкории донишҷӯён,
  - ба таври шаффоф ва воқеӣ баҳо додан ба сатҳи дониши донишҷӯён;
  - робитаи байнифаннӣ

ҳал карда шаванд.

Ӯ вобаста ба фарзияи гузошташуда якқатор масъалаҳои муҳимро ҳал менамояд, ки дурустии фарзияро тасдиқ мекунанд. Хусусан, қайд кардан ба маврид аст, ки аз ҷониби унвонҷӯй ба таври системанок методикаи умумии ташкил ва баргузории корҳои лабораторӣ аз фанни методҳои ададӣ коркард шудааст.

Унвонҷӯй озмоиши тадқиқоти худро дар факултети механикаю математикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва факултети математика ва информатикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ бо ҷалби донишҷӯёни ихтисосҳои мувофиқ ва омӯзгорони фанни методҳои

ададӣ ва информатика ба роҳ мондааст. Натиҷаи озмоишҳои баргузоркарда бозгӯи онанд, ки тадқиқоти анҷомдодаи ӯ барои беҳтар шудани раванди таълими фанни мазкур мусоидат мекунанд.

Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки онҳо дар раванди таълим истифода шудаанд ва натиҷаҳои қаноатбахш ба бор овардаанд. Мутобиқати методикаи таҳқиқот бо фанни таҳқиқшаванда ва вазифаҳои гузошташуда, мувофиқат ва муқоисаи натиҷаҳои аз таҳқиқот бадастомада дар ҳамаи марҳилаҳо ва ниҳоят иштироки бевоситаи муаллиф дар ҷараёни татбиқи дастовардҳо низ эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсияро таъйид мекунанд.

Дар умум метавон гуфт, ки муаллиф ҳадафҳои гузошташудаи тадқиқотро пурра амалӣ намудааст, хулосаҳо тибқи вазифаҳои пешгузоштаи тадқиқот асосноканд, мундариҷаи рисола мутобиқи назари мантиқӣ шакл гирифтаанд ва муаллиф соҳиби қобилияти хуби тадқиқотӣ мебошад.

Натиҷаҳои илмии рисола барои рушди назария ва амалияи илми педагогика нақши муайян доранд. Дар асоси гуфтаҳои боло комиссияи ташхиси назди Шурои диссертатсионии 6D.КОА-048 чунин хулоса менамояд:

1. Диссертатсияи Баротов Раҷабалӣ Тағоймуродович дар мавзӯи «Асосҳои методии фаъолгардонии фаъолияти даркнамоии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни гузаронидани корҳои лабораторӣ бо истифодаи технологияи иттилоотӣ» мутобиқ ба талаботи банди 53-и Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ; гардидааст, иҷро шудааст. Дисссертатсия дар ҷаласаи васеи кафедраи математикаи ҳисоббарорӣ ва механикаи факултети механикаю математикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия гардидааст. Дар «Хулосаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» ба диссертатсия баҳои ҳамаҷонибаи объективӣ дода шуда, он мусбат арзёбӣ гардидааст.
2. Диссертатсияи мазкур ба талаботи бандҳои 32-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия кори илмӣ-таҳқиқотии тахассусӣ ва мустақилона анҷомёфта буда, пажуҳиши ҳамаҷонибаи муайян намудани имкониятҳои дидактикии рушди эҷодкории донишҷӯёнро дар машғулиятҳои фанҳои табиӣ-риёзӣ, хусусан фанни методҳои ададӣ фаро мегирад.

3. Дар диссертатсия пешниҳоду хулосаҳои илмии асоснок ва боэътимод коркард шудаанд, ки дар самаранокии корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, дар муайян намудани имкониятҳои амсиласозии математикӣ дар таълими фанни методҳои ададӣ, такмили стандарту барномаҳои таълимию тарбиявӣ ва санадҳои қонунгузории соҳаи маорифи кишвар доир ба мавзӯи таҳқиқшаванда метавон истифода намуд.
4. Диссертатсияи мазкур аз ҷиҳати моҳият ва мазмун ба шиносномаи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.03 – Назария ва методикаи таълими фанҳои риёзӣ), ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-048 дар назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 08 апрели соли 2022, №126 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад. Ҳамзамон, тахқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқ аст.
5. Мазмуну муҳтавои автореферат бо фишурдаҳои он, ки бо ду забон – тоҷикӣ ва русӣ таҳия гардидаанд, мувофиқати комил бо мундариҷаи рисола дошта, моҳияти корро якҷоя бо интишороти муаллиф, ки дар маҷмуъ фарогири 17 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 9-тояшро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ банашррасида, аз ҷумла 3-тояш дар алоҳидагӣ ва 8-тои боқимондаашро маводди конференсияҳои илмии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ (РИНЦ) ташкил додаанд. Теъдоди маводди нашршуда ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.
6. Дар тахқиқоти диссертатсионии Баротов Раҷабалӣ Тағоймуродович истифодаи мавод бе нишон додани маъхаз мавҷуд набуда, тамоми манбаъҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иктибос ба расмият даровварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, шаҳодат медиҳад.
7. Диссертатсия ба талаботи банди 31-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) мувофиқат мекунад. Диссертатсияи

мазкур аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои умумият ва ягонагии дохилӣ мебошад.

Навгонии илмӣ ва муқарароти барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсиониро собит месозанд. Комисссияи ташхисӣ талаботи банди 61-уми Низомномаи шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30- юми июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ба инобат гирифта, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Баротов Раҷабалӣ Тағоймуродович дар мавзӯи «Асосҳои методии фаъолгардонии фаъолияти даркнамоии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни гузаронидани корҳои лабораторӣ бо истифодаи технологияи иттилоотӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.03 – Назария ва методикаи таълими фанҳои риёзӣ) ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 дар назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба **ҳимоя** қабул карда шавад.
2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ ба диссертатсияи мазкур шахсони зерин тавсия дода мешаванд:

   **Шодиён Муҳаммад Султонзода**, доктори илмҳои педагогӣ, профессор, профессори кафедраи алгебра ва геометрияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав;

   **Гулманов Усмон Рустамович**, номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон.
3. Пешниҳод мегардад, ки муассисаи пешбари диссертатсия **Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ** таъин карда шавад.
4. Барои нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани автореферат ва диссертатсия дар сомонаи МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис дар теъдоди 100 нусха иҷозат дода шавад.

Раиси комиссия, д.и.ф.-м., профессор — Сафаров Ҷ.

Узви комиссия, д.и.п., дотсент — Файзализода Б.Ф.

Узви комиссия, н.и.п., дотсент — Хоҷаев А.М.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС